Автор: Комрон
20.06.2019 06:40 -



**Мизи мудаввар бахшида ба 26 июн-Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди маводи нашъаовар**

18- уми июни соли 2019 дар мехмонхонаи “Lotus” бо ибтикори Муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъаманди» -и Вазорати тандурустӣ ва хифзи ичтимоии ахолии Чумхурии Точикистон дар хамбастагӣ бо Раёсати СММ оид ба маводи нашъадор ва чинояткорӣ (UNODS) дар Чумхурии Точикистон мизи мудаввар тахти унвони “Роххои пешгирӣ ва бакайдгирии беморони нашъаманд, беморихои сироятии марбут ба он (ВНМО, хепатити В ва С) ва истифодабарии гайритиббии маводи нашъадор” доир гардид.

Дар хамоиш  намояндагон аз вазорату сохторхои дахлдор, коршиносон, шарикони рушд,

намояндагони ташкилотхои чамъиятӣ, намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Чорабиниро муовини вазири тандурустӣ ва хифзи ичтимоии ахолии Чумхурии Точикистон Камолзода М. ифтитох намуда, рочеъ ба талошхои Хукумати Точикистон тахти сарварии Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мӯхтарам Э
момал
й
Ра
х
мон
чихати муборизаи чахонӣ
бо маводи нашъовар ва кӯмак
у мусоидати созмон
х
ои умумибашар
й
барои пешгирии ин бемории аср из
х
ори
назар намуд. То
ч
икистон дар
катори дигар кишвархо
дар мубориза бар зидди маводи нашъаовар устувор
буда, он пеш аз
хама
ба нафъи амнияти
ч
омеа талош менамояд.

Директори Муассисаи давлатии “Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ” Малахов М рафти мизи мудавварро рохбарӣ намуда, мухтасаран оид ба хадафи ташкили чорабинии мазкур маълумоти муфассал дод. Ӯ хамчунин, кайд намуд, ки 26 июн - Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди маводи нашъаовар»-ро дар тамоми чахон кайд менамоянд. Нашъамандӣ - душмани хаёти солим буда, пешгирӣ аз ин вабои аср пеш аз хама ба воситаи боло бурдани маърифати тиббии мардум, хамкорихои муташаккилона ва босуботу устувор бо сохторхои масъул, шарикони рушд ба даст меояд.

Дар ин замина, рохбари Раёсати Созмони Миллали Муттахид (СММ) оид ба маводи нашъаовар ва чиноятқорӣ- UNODS дар Точикистон хонум Амилия Ханафот дар иртибот ба ин масъала ибрози андеша намуд. Инчунин вобаста ба масъалаи мазкур Мирзоев Ш. – муовини директори МД “Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ”, Анварова С. – сардори шуъбаи МД “ Маркази ташаккули тарзи хаёти солим”, Боймуродов К.– корманди МД “Маркази чумхуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО”, Сафарализода Б.– сардори шуъбаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Чумхурии Точикистон баромад карданд ва бо ин восита а
њ
ли нишаст
љ
и
њ
ати пешгирии нашъаманд
ї
ва мушкилот
њ
ои вобаста ба он мубодилаи афкор намуданд.